# Мизи мудаввар оид ба мухтавои филми «Шикасти фитна» [1]

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 2 Июн, 2022 - 17:53

1-уми июни соли 2022, соати 14:00 дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар вобаста ба мухтавои филми «Шикасти фитна» баргузор гардид, ки дар он раиси Кумита, муовини раис, сардорон, мудирон ва кормандони Кумита иштирок намуданд.
Дар оғоз раиси Кумита тамоми иштирокдоронро оид ба мазмуну мухтавои филми «Шикасти фитна» маълумот дода, аз ҷумла баён намуд, ки филми мазкур тавассути шабакаҳои телевизиони кишвар намоиш дода шуд ва ҳамагон аз мухтавои ин филм огоҳӣ доранд.
Гарчанде ҳамагон аз таърихи хиёнаткориҳои ташкилоти террористию экстремистии собиқ Ҳизби наҳзати ислом огоҳ ҳастанд, бо тамошои филми мазкур бори дигар нафрати ҳар як фарди бонангу баномус нисбат ба ин ташкилоти тундгарою ифротӣ зиёд мегардад. Дарвоқеъ, аз оғози филм мушоҳида мегардад, ки таҳиягарони он нахуст мардуми шарифи кишварро ба шукргузориву расидан ба қадри тинҷиву осудагӣ ва истиқлоли миллӣ даъват мекунанд, ки амри саривақтӣ ва муҳим маҳсуб меёбад.
Бояд ҳар як насли солиму бофарҳанги ҷомеа, хусусан, ҷавонон фирефтаи доми хоинони ватанбезор ва хоҷагони хориҷӣ нашуда, зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд, худ ва дигаронро дар руҳияи ватандӯстиву меҳанпарастӣ, инсондӯстӣ, бомаърифативу бомаданиятӣ тарбия намуда, мунтазам барои созандагиву бунёдкорӣ ва осудагии миллат кӯшиш намоянд.
Дар баробари ин, ҷавононро мебояд кӯшишу талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро қадрдонӣ намуда, ба сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам пайравӣ намоянд ва барои боз ҳам ободу зебо ва ҳифз намудани кишвари азизамон пайваста талош намоянд.
Баъдан, муовини раиси Кумита, сардори шуъбаи танзими истилоҳот ва мудири бахши экспертизаи забоншиносӣ фикру мулоҳизаҳои худро вобаста ба филми мазкур баён намуданд.
Дар охир суҳбати озод сурат гирифта, саволҳои марбут ба филми мазкур баррасӣ шуданд.
Мизи мудавварро раиси Кумита доктори илми филология – Муҳаммадҷонзода Олимҷон ҷамъбаст карда, кормандонро барои ҳифзу ҳимояи манфиатҳои миллӣ, аз ҷумла сулҳу салоҳ, тинҷиву оромӣ ва Истиқлоли миллӣ даъват намуд.

## Баҳодиҳии мухтаво:

Select rating
Баҳои миёна: 5 (1 овоз)

Rate

Категория:

- Ахбори рӯз [2]

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона




[3]

- 


Кумитаи забон ва истилоҳоти
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

[4]

-




[5]

- 



**Манбаъ::** http://kumitaizabon.tj/tg/content/mizi-mudavvar-oid-ba-mukhtavoi-filmi-shikasti-fitna

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона

**Пайвандҳо**
[1] http://kumitaizabon.tj/tg/content/mizi-mudavvar-oid-ba-mukhtavoi-filmi-shikasti-fitna
[2] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7
[3] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/1_9.jpg
[4] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/2_9.jpg
[5] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/3_10.jpg

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона